**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ)**

Кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 - Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) дар соҳаи технологияи маҳсулоти қаннодӣ иҷро шудааст. Айни замон истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи саноати хӯрокворӣ аст. Дар технологияи маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ, яке аз маводи зарурӣ маводҳои рангкунанда мебошанд. Аз ин лиҳоз мавзӯи диссертатсияи Саидов Ҳ. А. актуалӣ буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар доираи мавзӯи интихобшуда муаллиф ҳаҷми калони таҳқиқҳоро оид ба ҷудо кардани моддаҳои рангкунанда, таркиби химиявӣ ва хосиятҳои физикӣ-химиявӣ ва технологии экстрактҳои мазкури аз растаниҳои Тоҷикистон – (санҷид, татум ва гули аббосӣ) ҳосилкарда, таъсири омилҳои гуногун ба раванди экстрактсия ва хосиятҳои моддаҳои рангкунанда иҷро намуда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада технологияи ҳосилкунии экстрактҳои рангкунандаро пешниҳод намудааст, ки ин технология бо патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст. Муаллиф исбот намудааст, ки экстрактҳои рангкунанда аз решаи дарахти санҷид, меваи татум ва гулбаргҳои гули аббосӣ аз рӯйи хосиятҳои физикӣ-химиявӣ ва қобилияти рангкунӣ ба ба талабот оид ба рангҳои ғизоӣ мувофиқ мебошанд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф нишон медиҳанд, ки иловаи экстрактҳои рангкунандаи аз ашёи ғайрианъанавӣ ба сифати маҳсулоти қаннодӣ, таъсири манфӣ намерасонад. Дар асоси таҳқиқҳои гузаронидашуда технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ-қандӣ дар мисоли карамел, крем барои ширинихо, мармелад бо истифода аз рангҳои табиии ғизоӣ коркард карда шуд

Инчунин, фаъолнокии биологии экстрактҳои таҳқиқшуда (хосияти зиддиоксидантӣ, зиддиилтиҳобӣ) муайян шудааст, ки ин экстрактҳои мазкурро на танҳо ҳамчун моддаи рангкунанда, инчунин ҳамчун маводи функсионалӣ барои баланд бардоштани қимати ғизоии маҳсулоти хӯрока тавсиф мекунанд.



Scanned with CamScanner

Натиҷаҳои таҳқиқот боэътимод, боваринок мебошанд ва бо маҷмӯи усулҳои физикию химиявии муосири таҳқиқ, мувофиқат ба додашудаҳои аз адабиёт маълум ва апрбатсия дар мақолаҳои илмии нашршуда ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мешаванд.

Дар баробари ин дастовардҳо баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Ҷамъшавии моддаҳои рангкунанда дар растаниҳо вобаста бо марҳилаи афзоиши онҳо омӯхта нашудааст.

2. Хуб мешуд дар автореферат хосиятҳои физикӣ-химиявии ва технологии экстрактҳо дар ҷадвал нишон дода мешуданд.

3. Дар нақшаи технологии истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар зинаҳои коркард шароити гузаронидани равандҳои технологӣ (ҳарорат ва вақт) нишон дода нашудааст.

Аммо камбудиҳои қайдшуда арзиши амалии диссертатсияи Саидов Ҳ.А. -ро паст намекунанд. Диссертатсия дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» ба ҳама талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентит ҶТ оид ба диссертатсияҳо мувофиқат мекунад, муаллифи он Саидов Ҳусен Аламуродович бошад, сазовори унвони доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) мебошад.

Номзади имлҳои химия, и.в. дотсенти кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва захршиносии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" Кабирзода Ҷ.Н.

*Сурога:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, куч.Сино 29-31.

*Тел.:* (+992) 908-60-86-68; *E.mail:* kabirzoda93@bk.ru

Имзои н.и.х., и.в. дотсенти кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва захршиносии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" Кабирзода Ҷовидон Нурмаҳмадро

тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати рушди кадрии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино", номзади илмҳои тиб Сафаров Б.И.

23. 04. 2025



Scanned with CamScanner